**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**_________________ Золотухин А.В.**

**«27» ___08___ соли 2026**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи рисола бо ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, бо мундариҷаи ихтисоси илмии зикршуда пурра мувофиқат мекунад. Таҳқиқот асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дарбар гирифта, ҳамчунин, фаъолияти дигар мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар соҳаи зикршуда баррасӣ менамояд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷрибаи пешрафтаи як қатор давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳои мутобиқгардонӣ ва татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мавзуи мазкур, бахусус, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ба таври амиқ барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мусоидат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи рисола.** Аҳаммияти амиқи таъмини бехатарии ҷомеа дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар шароити гармшавии иқлими сайёра, обшавии пиряхо, заминҷунбӣ, селу тармафаророӣ ва рушд ёфтани корхонаҳои азими саноатӣ ва дигар иншооти махсус, ки истифодабарандагони моддаҳои сахттаъсири заҳролуд, маводи тарканда ва оташгиранда мебошанд, бараъло афзуда, аз мубрамии мавзуи рисола дарак медиҳад. Зеро ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар чунин вазъият ба ҳолати пурзури хизмат гузаронида шуда, қабули қарорҳои оперативӣ, ҷобаҷогузории қувваю воситаҳо ва сафарбаркунии саривақтии онҳоро ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тақозо менамояд.

Дар мубрамияти рисола таъкид мегардад, ки шумораи умумии корхонаҳое, ки дар истеҳсолоташон моддаҳои сахтаъсири кимиёидор истифода мебаранд, зиёда аз 21 ададро ташкил дода, дар ҷумҳурӣ 10 партовгоҳи калони радиоактивӣ мавҷуд мебошад. Шумораи умумии хоктӯдаҳо дар партовгоҳҳои истеҳсоли уран дар кишвар зиёда аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳанд ва дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна дар ду рӯз як офати табиӣ ба вуқуъ мепайвандад. Инчунин, бинобар дар масири хатҳои шикастаи сейсмикӣ қарор доштани кишвар, тибқи маълумоти коршиносони соҳа, эҳтимолияти дар ҳудуди 50% ҷумҳурӣ рух додани заминларзаҳои 9-балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8-балла ва дар ҳудуди 12% он заминларзаҳои то 7-балла имконпазир мебошад.

Садамаҳои нақлиётӣ дар минтақаҳои кӯҳии душворгузар ва роҳҳои автомобилгарди дохиливу байналмилалии кишвар низ ба яке мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст. Зеро тибқи омори расмӣ, ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 2500 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта мешавад, ки талафоти инсонҳо ба шумораи то 400 нафар мерасад. Дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор бошад, ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 1200 ҳолатҳои фавқулода рух дода, боиси хисороти калони молӣ ва талафоти инсонӣ мегардад.

Муаллиф комилан дуруст таъкид менамояд, таҳдиду хатарҳои номбурда, номгӯи пурраи онҳо набуда, танҳо барои инъикос намудани вазъияти кунунӣ ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки вокуниш вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани чунин падидаҳо, ки ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногениро ба бор меоранд, дарҷ гардидаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, татбиқи шаклу усул ва механизми самараноки ҳифзи ҳудуд ва аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мувофиқи мақсад мебошад. Новобаста ба он, ки чораҳои дахлдори хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқидошта барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳудуд ва аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ доимо роҳандозӣ ва амалӣ карда мешаванд, тақвиятбахшии онҳо диди навро тақозо доранд. Таҳқиқи илмӣ-амалӣ шаклу усулҳои нави фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ заминаҳои бунёдии муваффақиятро дар ин самт ташкил медиҳанд.

Зарурати амиқи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, бахусус, аз ҷониби ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкории милитсия бо субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ, боиси қабул гардидани санадҳои сершумори меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва дохилиидоравии мақомоти ваколатдори давлатӣ

гардидааст. Аммо, ин масъалаи муҳим ҳамчун самти афзалиятноки ислоҳоти милитсия дар доираи Барномаи ислоҳоти милитсия ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта дар сатҳи зарурӣ инъикос наёфтааст, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотро собит месозад.

Мушкили ҷиддӣ дар ташкил ва идоракунии қувва ва воситаҳое, ки ба Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ дохил шудаанд, нокифоягии унсурҳои сохтории чунин низом ва мутаносибан, такроршавии функсияҳо байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, маҳсуб меёбанд.

Дар сатҳи қонун ба таври амиқ муайян нагардидани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти салоҳиятдор, нопурра будани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва дар сатҳи зарурӣ омода набудани ҷузъу томи субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ҷиҳати вокуниши саривақтӣ дар ҳолатҳои фавқулода дар умум ба мақсади асосӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ки масоили ҳалталаб буда, дар рисолаи диссертатсионӣ ба таври амиқ ва пурра баррасӣ гардидаанд. Аҳаммияти ин мавзуъ бо зарурати баррасии таҷрибаи минтақавию байналмилалӣ ва истифодаи самараноки он дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар мешавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти рисолаи Нуруллозода Меҳрулло ба эҳтиёҷоти ҳалталаби илм ва амалияи фаъолияти судӣ, прокурорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ ҷавобгӯ буда, камбудиҳои назариявӣ,

ташкилии фаъолият ва меъёрии мавҷударо бартараф мекунад ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи эътибornокии нукта ва пешниҳодҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда.** Нукта, хулоса ва пешниҳодҳои илмии рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло ба дараҷаи баланди эътибornокии илмӣ, мувофиқати мантиқӣ ва дохилӣ баён гардидаанд.

Эътибори натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо чаҳорчӯбаи бодиққат интихобшудаи методологӣ таъмин карда мешавад. Муаллиф бо истифода аз усулҳои умумии илмӣ ва махсуси тадқиқотӣ, аз ҷумла, усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, таҳлилӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили усулҳои махсуси расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва сохторӣ-ҳуқуқӣ истифода карда, омӯзиши ҳамаҷониба ва объективонаи хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба роҳ монда, аз натиҷаи омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқот нукта, хулоса ва пешниҳодҳои асоснокшудаи илмӣ ва амалиро манзур намудааст.

Хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ бар асоси таҳлили ҳамаҷониба ва пайвастаи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ташкили фаъолияти амалии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ оид ба фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тартиб дода шудаанд. Истифодаи маҷмуи назарраси таҳқиқоти муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба муаллифи рисола имкон дод, ки равишҳои мавҷудаи доктриналиро аз нигоҳи интиқодӣ таҳлил намуда, мавқеъҳои асосноки худро оид ба масъалаҳои баҳсбарангези соҳавӣ таҳия кунад.

Хулосаҳои рисола бо гузариши мунтазам аз пешниҳодҳои назариявӣ ба тавсияҳои амалӣ тавсиф мешаванд. Яъне, муаллиф ба ғайр аз пешниҳодҳои аҳаммияти назариявидошта, ҳамчунин, хулоса ва

тавсияҳои асоснокшудаи илмиро манзур менамояд, ки дар ташкили фаъолияти амалии субъектони дахлдор оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва такмили қонунгузории соҳавии миллӣ истифода мегарданд.

**4. Навоварии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада.** Навоварии илмии рисолаи Нуруллозода Меҳрулло дар он аст, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар доираи он ба баррасӣ ва коркарди истилоҳоти бунёдгузори фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, аз қабили «ҳолатҳои фавқулода», «вазъияти фавқулода», «шароити махсус», «сохтори ташкилӣ» ва дигар истилоҳоти ҳамҷавор диққати махсус матраҳ гардидааст. Асосҳои назариявии ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ (принсипҳо, мақсад, вазифа, функсияҳо ва ғайра.) дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ равшан сохта шудааст. Холигии қонунгузорӣ ва мушкилоти сохтори ташкилии низоми идоракунии мақомоти давлатӣ дар ин самт муайян карда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии онҳо мушаххас гардидаанд. Консепсияи мукаммал оид ба такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пешниҳод гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо дарназардошти хусусияти ҳамаҷонибаи таҳқиқот, аз қабили истифода ва баррасии доираи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин, натиҷаҳои назарсанҷӣ оид ба ташкили кор ва фаъолияти соҳавӣ дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ

тасдиқ карда мешавад. Ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳо ба манбаъҳои тасдиқшаванда асос ёфта, аз таҳлили қонунгузории ҷорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ бармеоянд.

Методологияи тадқиқоти интихобкардаи муаллиф, ки омӯзиши усулҳои умумии илмӣ ва махсуси тадқиқотро дар бар мегирад, объективияти таҳлил ва эътибornокии хулосаҳоро таъмин мекунад. Умуман, навоварии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло ба мо имкон медиҳад, ки саҳми ӯро дар рушди илми ватанӣ оид ба соҳаи фаъолияти судӣ, прокурорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун назаррас ва аз ҷиҳати илмӣ муҳим эътироф кунем.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои рисола.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи Нуруллозода Меҳрулло аҳаммияти назарраси илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ доранд.

Аҳаммияти илмии корро таърифҳои муаллифии мафҳумҳои соҳавӣ ва тавсифи хусусияти онҳо, рушди шаклу усул ва механизми омоданамоӣ ва ҷалби ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ташкил медиҳад. Пешниҳодҳои муаллиф фаҳмиши илмиро дар бораи ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва тафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва аҳаммияти татбиқи самараноки он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ васеъ гардонида, норасогии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳавиро аз байн мебарад.

Аҳаммияти амалии рисола дар истифодаи эҳтимолии хулосаҳо ва тавсияҳои он аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омодасозӣ ва ҷалби ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, инчунин, дар такмили қонунгузории соҳавӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи

дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, арзёбӣ мегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии ин таҳқиқот бо таваҷҷӯҳи он ба тақвияти фаъолияти самараноки субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, бахусус, баланд бардоштани касбияти ҷузъу томи гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии онҳо бо роҳи бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ ва тактикии оперативӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, беҳтар намудани сифати иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муайян карда мешавад.

Илова бар ин, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва таълими фанҳои «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои махсус», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ», «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ» ва «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» бо таври васеъ истифода бурд, ки ин тасдиқи аҳаммияти амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам равшантар менамояд.

**6. Дараҷаи эътимоднокӣ ва эътибории натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои рисолаи Нуруллозода Меҳрулло бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва эътибории илмӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳо оид ба фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар

субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, хусусиятҳои амалии гурӯҳбандӣ, омодасозӣ ва ҷалби ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи таҳқиқшаванда, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ, инчунин, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба даст оварда шудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳо бо методологияи бодиққат интихобшудаи тадқиқотӣ, ки омӯзиши усулҳои умумии илмӣ ва махсуси тадқиқотиро дар бар мегирад, таъмин карда шуда, имкон фароҳам овардааст, ки омӯзиши объективӣ ва ҳамаҷонибаи ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар асоси шакл, усул ва механизми пешрафта анҷом дода шавад. Ҳамаи муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар асоси таҳлили маводи меъёрӣ ва амалияи татбиқи он рӯйи кор омадаанд, мантиқан дуруст мебошанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои тадқиқот бо мувофиқати дохилӣ, эътиборнокии назариявӣ ва самти амалӣ тавсиф гардида, имкон медиҳанд, ки онҳоро боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ муҳим арзёбӣ намоем.

**7. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муалллифи диссерататсия аз рӯйи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илман асосноки ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуи таҳқиқот нашрнамуда, баромад бо маърӯза дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ собит мегардад. Тарзу усули навишт, сабки хоси масъалагузорӣ намудани мушкилоти дар дохили таҳқиқот ҷойдошта ва овардани мисолҳо аз таҷрибаи амалии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва хориҷии соҳавӣ саҳми шахсии муаллифро дар таълифи диссертатсия намоён менамояд. Ҳамчунин, дар мақолаҳое, ки муаллиф дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба масъалаҳои баррасишавандаи он ба табъ

расонидааст, ҷиҳати такмил додани қонунгузории кишвар дар самти ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ин самт як қатор пешниҳодҳои муфид манзур гардидааст. Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои эътибор ва аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда.** Дар мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашрияҳо муқарраротии асосии тадқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилиро дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар ин самт ошкор намуда, эътибори илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардаро тасдиқ мекунанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинар-машваратҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Шумора ва хусусияти нашрияҳо нишон медиҳанд, ки хулосаҳои асосии рисола аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ба қадри кофӣ эътироф ва пазирой шудаанд.

**9. Арзёбии мундариҷаи рисола ва дараҷаи пуррагии он. Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Муқаддимаи таҳқиқоти рисола аҳаммияти мавзуи интихобшударо асоснок мекунад, дараҷаи рушди илмии онро муайян менамояд, объект, мавзуъ, предмет ва вазифаҳои таҳқиқотро мушахассан инъикос мекунад. Муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии

таҳқиқотро тавсиф намуда, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он ва нуктаҳои пешниҳодшударо барои дифоъ манзур менамояд.

Бобҳои диссертатсия масоили таҳқиқшавандаи мавзуи онро дар бар гирифта, зербобҳои интихобшуда ба моҳияти асосии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» тамоюлҳои асосӣ оид ба пайдоиш ва ташаккули мафҳум, намуд ва дараҷаҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, асосҳои назариявии консепсияҳои мустақаршуда оид ба ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳамин самт мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Инчунин, таснифоти васеи эҳтимолиятҳо ва хатарҳое, ки боиси пайдоиши ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, вобаста ба хусусият, миқёси паҳншавӣ ва зарари ҷисмонӣ ва моддии онҳо ба шаҳрвандон гузаронида шудааст.

Дар ин қисмати таҳқиқот муаллиф ба хулоса меояд, ки аз рӯйи мазмун ҳолатҳои фавқулода ба намудҳои табиӣ, техногенӣ, иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд, ки аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ, ҳудуди ба амал омадан, истифодаи қувва, маблағҳои зарурӣ ва субъектони идоракунандаи ин раванд дорои таснифоти муайян мебошанд. Вобаста ба маҳакҳои номбурда тибқи қонунгузории амалкунанда дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ онҳо ба маҳдуд, маҳаллӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда шудаанд.

Муаллиф хулоса менамояд, ки «ташкил кардан» ҳамеша раванди пеш аз ба фаъолият даромадани низоми идоракунӣ мебошад. Зеро дар ҷараёни ташкил кардан мақсаду вазифаҳо, функсияҳо, сохтор, шакл ва усулҳои расидан ба мақсадҳо муайян карда мешаванд. Ин унсурҳо асоси

ташкилии ҳама гуна фаъолияти бонизом маҳсуб меёбанд, ки бе дуруст муайян намудани онҳо фаъолияти мақсаднок имконнопазир аст.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта» мазмуну моҳияти қонунгузории фавқулода, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатиро ба танзим медароранд, бо таври васеъ баррасӣ мегардад. Диққати асосӣ ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои асосӣ ва иловагии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, инчунин, нақши милитсия дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ матраҳ шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки бояд тартиби омодабошӣ, сафарбаркунӣ ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва таъмини низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода ва ҳарбӣ дар доираи фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ бо таври мушаххастар ба танзим даровarда шуда, ҷиҳати омодагии касбии қувваҳои ҷалбшаванда, заминаҳои ҳуқуқии бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ ва тактикии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ тақвият дода шаванд.

Аз ҷумла, муаллиф зикр менамояд, ки ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар бисёр мавридҳо ба иҷрои вазифаҳои берун аз салоҳияти худ аз қабили соҳилмустаҳкамкунӣ, таъминоти хуроквории, гуронидани фавтидагон, пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ ва ғайра ҷалб карда мешаванд. Ӯ ба хулоса меояд, ки бояд аз ҳисоби ҷузъу томи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалии доимоамалкунандаи мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ бо ҷалби

қӯшунҳои дохилӣ, муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ ташкил карда шаванд. Аз ҷумла, чунин гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда бояд дар сатҳи байниидоравӣ барои вокуниши оперативӣ ба ҳолатҳои бухронии калонҳаҷми табиӣ ва техногенӣ созмон дода шаванд.

Боби сеюми диссертатсия – «Мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», масоили мубрамро вобаста ба такмили қонунгузории ҳолатҳои фавқулода, ки асосҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро вобаста ба иҷрои вазифа ва функсияҳои он дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, инчунин, истифодаи қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ муайян мекунад, фаро гирифтааст.

Муаллиф вобаста ба баъзе мухолифатҳои қонунгузорӣ комилан дуруст иброз медорад, ки функсияи сӯхторхомӯшкунӣ аз рӯйи таъйиноти ҳифзиҳуқуқии мақомоти корҳои дохилӣ бояд ҳамчун функсияи иловагии он маҳсуб ёбад ва танҳо барои рафъи фаврии оқибатҳои садама, таркиш дар меҳвари мубориза ба ҷинояту ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ амалӣ карда шавад. Новобаста ба он ки функсияи мазкур дар сатҳи қонунгузории амалкунада ба ваколати мақомоти корҳои дохилӣ марбут диниста шудааст, ояндаи наздик дар доираи ислоҳоти милитсия функсияи мазкур бояд ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ таҳмил дода шавад. Зеро тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсозандаи тамоми вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроя дар ин самт аз рӯйи таъйиноти худ комилан дуруст ваколатдор карда шудааст ва сиёсати ягонаи давлатиро дар ин самт бояд амалӣ созад. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳамчун ҷузъи

ёрирасони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ баромад менамояд, мутаносибан ин самти фаъолият барои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун функсияи иловагӣ маҳсуб ёбад. Аммо, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда вобаста ба бехатарӣ аз сӯхтор, Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии тамоми мақомоти давлатиро амалӣ месозад.

Дар ин робита, бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда дар сатҳи қонунгузорӣ, имкониятҳои иловагиро барои беҳтар кардани сохтори ташкилӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ дар вокуниши муштарак ба ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ фароҳам меорад.

Хулоса ва пешниҳодҳои манзургардида натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро тавсиф менамоянд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ, адабиёти илмӣ, таълимӣ ва тафсирии истифодашуда мувофиқ ба мавзуи таҳқиқшаванда буда, истинодҳои овардашуда пешниҳодҳои илмиро тақвият мебахшанд ва мувофиқ ба мақсад истифода шудаанд.

Муаллиф мушкилоти дар давоми таҳқиқот муайяншударо ба низом даровардa, хулоса ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо дар асоси онҳо таҳия кардааст. Самти амалӣ ва имконпазирии хулоса ва тавсияҳо пуррагии таҳқиқот ва аҳаммияти онро барои рушди илм ва амалияи фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ менамоянд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории рисолаи Нуруллозода Меҳрулло ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Сохтори тадқиқот ва пешниҳоди мавод аз ҷиҳати мантиқӣ ва илмӣ дуруст аст.

Дар рисола ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ дуруст истинод шудааст, рӯйхати пурраи сарчашмаҳо пешниҳод гардидааст ва ба талабот оид ба ҳаҷм, сохтор ва услуб мувофиқат мекунад. Умуман, шакли кор ба стандартҳои муқарраршуда мувофиқат мекунад ва имкон медиҳад, ки рисола мувофиқи талаботи кунунии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омодашуда эътироф карда шавад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб барои гирифтани дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Нуруллозода Меҳрулло ба талабот барои довталабони дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҷавобгӯй аст. Рисолаи пешниҳодшуда рушди малакаҳои мустақили таҳлили илмӣ, қобилияти муайян ва ҳалли масъалаҳои ҷорӣ дар соҳаи ҳифзиҳуқуқии кишвар ва қобилияти таҳияи хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тавсияҳои амалии довталабро нишон медиҳад.

Довталаб сатҳи кофии омодагии назариявӣ, азхудкунии методологияи тадқиқоти ҳуқуқӣ ва қобилияти татбиқи донишҳои илмиро дар таҳлили амалияи ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад. Умуман, тахассуси академии Нуруллозода Меҳрулло ба ӯ имкон медиҳад, ки барои гирифтани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ сазовор ҳисобида шавад.

**12. Шарҳҳо ва масъалаҳои баҳсбарангез дар бораи таҳияи рисола.** Зикр намудан бомаврид аст, ки дар баробари муваффақияти бадастомада дар рисолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои норавшан ва баҳснок низ ҷой доранд, ки инҳо мебошанд:

**1.** Дар банди 1 пешниҳодҳо ба ҳимоя, муаллиф мафҳуми «шароитҳои махсус»-ро таъриф намуда, қайд менамояд, ки ин истилоҳ таҷассумкунандаи фаъолияти пурзури хизмати ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ дар ҳолати рух додани ҲФ

табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, дар ҳолати эълон гардидани вазъияти фавқулода ва вазъияти ҷангӣ буда, мазмуни муттаҳидкунандаи шароитҳои махсуси пешбурди хизмати мақомоти қудратии давлатро дорад. Аммо, дар рисола ба пардохти музди меҳнати кормандони ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба иштироки онҳо дар шароитҳои махсус диққати зарурӣ матраҳ нашудааст.

**2.** Дар тавсияҳои амалии таҳқиқот ба масъалаи хеле муҳимми танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир шуда, зикр мегардад, ки бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ дар шакли фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши сариватӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз нав коркард ва тасдиқ карда шаванд. Зеро, айни замон низоми огоҳкунии пешакӣ аз заминҷунбӣ, обхезӣ, пешгирӣ ва рафъи дигар оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар асоси нақшаҳои оперативии махфӣ амалӣ мегардад, ки мухолифи талаботи зербанди 1 банди 1 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26-уми июли соли 2014, № 1095 мебошад. Аммо, аз ҷониби муаллиф дастурамал, фармон ва ё нақша дар ин самт дар шакли замима пешниҳод нашудаанд, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

**3.** Диссертант дар зербоби 1 боби 3 таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод менамояд, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва дигар қонунҳое, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ба танзим медароранд, бояд дар доираи як қонун ва ё кодекс муттаҳид карда шаванд. Албатта, чунин

мавқеъгирии муаллиф хусусияти мубоҳисавӣ дошта, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Бояд зикр намуд, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда баҳснок буда, ба мазмуни диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати рисола мувофиқи тартиби муқарраршуда барои гирифтани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳия шудааст. Он мундариҷаи асосии тадқиқотро пурра инъикос мекунад ва натиҷаҳои назарраси илмиро асоснок ва пурра шарҳ медиҳад.

**13. Хулоса дар бораи рисола.** Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, дорои сатҳи баланди илмӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Шарҳ мувофиқи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 11 нафар иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ №3 аз 24 августи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Эльназаров Давлатшо Хоҷаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз руйи ихтисоси 12.00.02), мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи Славянии Россия

ва Тоҷикистон, омода шуда дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра аз 10 нафар иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра №10 аз 26 - уми августи соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Умедов К.М.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Элназаров Д.Х.**

**Котиб:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Смоктий М.Е.**

Имзои Умедов К.М., Элназаров Д.Х. ва Смоктий М.Е. - ро тасдиқ менамоям:
Муовини Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Боровицкая Л.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru